# Масеҳ 2



Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2021

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.


ЯК МОҲ ПАС АЗ ТАВАЛЛУДИ ИСО, МАРЯМ ВА ЮСУФ АЗ БАЙТ-ЛАҲМ БА УРШАЛИМ РАВОНА ШУДАНД, ТО КИ КӮДАКРО НАЗДИ ХУДО ҲОЗИР НАМОЯНД ВА ҚУРБОНИҲОЕРО, КИ ТАЛАБ КАРДА МЕШУДАНД, БА ҶО ОВАРАНД.
МО ДУ ФОХТА ГИРИФТАН МЕХОҲЕМ.
ҲА, АЛБАТТА!
БАРОИ ПИСАРАКАТОН ҚУРБОНӢ МЕКУНЕД?
ҲА.
МО ИН ДУ ФОХТАРО МЕГИРЕМ.
ЧУНИН ҲАДИЯИ НОЧИЗ...
МО ИМКОН НАДОРЕМ, КИ БАРРАЕРО ҚУРБОНӢ КУНЕМ, МАРЯМ.
ҲА, МАН МЕДОНАМ. МЕДОНАМ...
АМАКБАЧААМ ЧУНИН МЕҲИСОБАД, КИ МАН ДАР БАЙТ-ЛАҲМ КОРИ ДУРЕДГАРИРО ПАЙДО КАРДА МЕТАВОНАМ.
ДАР БАЙТ-ЛАҲМ МОНДАН?
МАН НАМЕДОНАМ...
МО МУДДАТИ ЗИЁД ДАР ОН ҶО НАХОҲЕМ БУД, АММО ДАР ИВАЗАШ МАН МЕТАВОНАМ БАРОИ ТАЪМИНОТИ ТУ ВА КӮДАК БА ҚАДРИ КОФӢ ПУЛ БА ДАСТ ОВАРАМ, Ё ҲАТТО ХОНА ХАРАМ...
МО ХОНА ДОРЕМ! ОХИР, ТУ ОНРО СОХТӢ-КУ!


МАН МЕДОНАМ,
АММО АГАР ДАР БАЙТ-ЛАҲМ ИМКОНИЯТИ ПУЛ БА ДАСТ ОВАРДАН БОШАД, МО БОЯД АҚАЛЛАН ДАР ИН БОРА ФИКР КУНЕМ.
МАН ФАҚАТ БАРОИ ОИЛААМОН ЧИЗИ БЕҲТАРИНРО МЕХОҲАМ.
МАН ДАР ИН БОРА ФИКР МЕКУНАМ.
НИГОҲ КУН, ИСО.
ТУ ИН ҶОЙРО ХЕЛЕ БИСЁР ХОҲӢ ДИД.
ҲАР СОЛ ОИЛАҲОИ МО БА ИН ҶО БА ИДИ ПЕСАҲ МЕОЯНД.
БУБАХШЕД!
КӮДАКИ ШУМО!
МАН КӮДАКИ ШУМОРО ҲОЗИРАКАК ДИДАМ!
ОЁ БА ШУМО ЯГОН ЁРӢ ДОДА МЕТАВОНАМ?
ШОЯД, БОВАР КАРДАНТОН ДУШВОР БОШАД, АММО БА МАН ГУФТА ШУДА БУД, КИ БА ИН ҶО ОМАДА, КӮДАКИ ШУМОРО БИНАМ!
ШУМО ДАР БОРАИ ЧӢ МЕГӮЕД?
МАРО БУБАХШЕД. НОМИ МАН ШИМЪӮН АСТ. ПАРВАРДИГОР БА МАН ФАРМУД, КИ БА ИН ҶО БИЁЯМ.
МАН НАМЕДОНИСТАМ, КИ БАРОИ ЧӢ, АММО АКНУН МАН КӮДАКИ ШУМОРО ДИДАМ – САБАБ ӮСТ!
МАРО БУБАХШЕД. ИҶОЗАТ ДИҲЕД ФАҲМОНАМ.
ЗАМОНЕ ХУДО БА МАН СУХАН РОНДА БУД. Ӯ БА МАН ГУФТ, КИ ТО КАСЕРО, КИ ТАСАЛЛО ВА НАҶОТИ ИСРОИЛ МЕШАВАД, НАБИНАМ, НАМЕМИРАМ!
КӮДАКИ ШУМО! ИН ӮСТ!
ОЁ МУМКИН АСТ ӮРО БА ДАСТ ГИРАМ?
ҲА. АЛБАТТА.



ЛУҚО 2:23-27


НОМИ Ӯ ЧИСТ... Ӯ ЧӢ НОМ ДОРАД?
НОМИ Ӯ ИСО АСТ.
ИСО… БОВАРИАМ НАМЕОЯД, КИ ИН РӮЗ НИҲОЯТ ФАРО РАСИД!
МАРЯМ?
ҲАМААШ ХУБ АСТ, ЮСУФ.
ҲАМААШ ХУБ АСТ.
ХУДОВАНДО! ПАРВАРДИГОР ХУДО, ҲАМААШ МУВОФИҚИ СУХАНИ ТУ БА АМАЛ ОМАД!
АКНУН МАН МЕТАВОНАМ БО ОСОИШ БИМИРАМ, ЗЕРО МЕДОНАМ, КИ ТУ МАСЕҲИ ХУДРО ФИРИСТОДАЙ!
ЧАШМОНИ МАН НАҶОТИ ТУРО МЕБИНАНД!
ЧАШМОНИ МАН КАСЕРО ДИДАНД, КИ БАРОИ ҒАЙРИЯҲУДИЁН НУР ХОҲАД БУД!
ЧАШМОНИ МАН КАСЕРО ДИДАНД, КИ НУРИ ҶАЛОЛИ ХУДРО БА ХАЛҚИ ТУ ИСРОИЛ ОШКОР ХОҲАД НАМУД!


ИН КӮДАКРО ТАҚДИРИ ОЛӢ ИНТИЗОР АСТ.
Ӯ БОИСИ ҒАЛТИДАН ВА БАРХЕСТАНИ БИСЁР КАСОН ДАР ИСРОИЛ ХОҲАД ШУД.
СУХАНОНИ Ӯ БА ДИЛУ ҶОНИ ҲАР КАСЕ КИ БА Ӯ ГӮШ МЕДИҲАД, ВОРИД ШУДА, ФИКРҲО ВА ХОҲИШҲОИ ҲАҚИҚИИ ОНҲОРО ОШКОР ХОҲАНД КАРД.
ВА...
ВА ДАР ҶОНИ ТУ НИЗ ШАМШЕРЕ ФУРӮ МЕРАВАД.


ҲАНО! ЗУДТАР БИЁ!
ҲАНО НАБИЯ АСТ! Ӯ НИЗ БОЯД ИН КӮДАКРО БИНАД!
ИН КӮДАК, ШИМЪӮН,
ОХИР, ТУ КӢ БУДАНИ ИН КӮДАКРО МЕДОНӢ, ҲАМИН ТАВР НЕ?
Ӯ ҲАМОН КАСЕ АСТ, КИ ТУ МУДДАТИ ЗИЁД ӮРО ИНТИЗОР БУДӢ!
Ӯ ҲАМОНЕСТ, КИ АЗ РӮИ ВАЪДАИ ПАРВАРДИГОР ТУ ӮРО ХОҲӢ ДИД!
МУБОРАКАНД ЧАШМОНИ ПИРОНСОЛИ МАН!
ИН РӮЗ ФАРО РАСИД!
МАСЕҲИ ПАРВАРДИГОР! НАҶОТДИҲАНДА АЗ ҶОНИБИ ХУДО!
ҲАМАИ КАСОНЕ КИ РАҲОИИ УРШАЛИМРО МЕҶӮЯНД, БА ИН ҶО РӮ ОВАРЕД!
Ӯ ИН ҶОСТ! ИН КӮДАК!
ЮСУФ, БИЁ БА ДАРУН МЕРАВЕМ...
КОРЕРО, КИ БА ХОТИРИ ОН ОМАДАЕМ, БА ҶО МЕОВАРЕМ.
ҲАМИН ТАВР, МАРЯМ ВА ЮСУФ ҲАДИЯҲОИ ХУДРО ПЕШКАШ НАМУДАНД – ЯКЕ БАРОИ ҚУРБОНИИ ПОКШАВӢ ВА ЯКЕ БАРОИ ҚУРБОНИИ ГУМОШТАНӢ, ЧУНОН КИ ШАРИАТ ТАЛАБ МЕКАРД.


ПАС АЗ ДУ СОЛ.
ГОҲО МАН ФИКР МЕКУНАМ, КИ АГАР БА НОСИРА БАРМЕГАШТЕМ, ЧӢ ТАВР ҲАМА ЧИЗ ДИГАРГУН МЕШУД.
МАН ҲАМ, МАРЯМ, АММО БА ФИКРАМ, ҲАМА ЧИЗ НА ОН ҚАДАР БАД ПЕШ РАФТА ИСТОДААСТ.
ДАР НОСИРА, БАРЪАКС, ИН ҚАДАР МУЗДИ КОР ПАЙДО КАРДА НАМЕТАВОНИСТАМ, ЗЕРО ЛОЗИМ МЕОМАД, КИ КОРРО ҲАМРОҲИ ПАДАР ВА БАРОДАРОНАМ КУНАМ.
АММО ДАР ИН ҶО ТО ҲОЛ МАН ОИЛААМРО ХУБ ТАЪМИН КАРДА ИСТОДААМ.
ҲА, АММО ИН БАРОИ ҲАР СЕИ МО БАЗӮР МЕРАСАД!
ЧӢ МЕШАВАД, АГАР ФАРЗАНДОНИ БЕШТАР БА ДУНЁ ОВАРЕМ?
ХАЙР, АГАР ТУ АЗ МАН ЧИЗЕРО ПИНҲОН НАКАРДА БОШӢ, ҲОЛО МО СЕ КАС ҲАСТЕМ.
МАН НАМЕГӮЯМ, КИ БА ХОНА БАРГАШТАН НАМЕХОҲАМ.
ФАҚАТ МАН АЗ БАЙТ-ЛАҲМ РАФТАН НАМЕХОҲАМ. ДАР ҲАДДИ АҚАЛЛ ҲОЛО.
ЮСУФ, МАН АҲЛИ ОИЛААМРО ПАЗМОН ШУДААМ. ВА МАН МЕХОҲАМ ДАР ХОНАЕ ЗИНДАГӢ КУНАМ, КИ ТУ БАРОЯМОН СОХТАӢ!
МЕҲНАТИ ЯКҶОЯ БО АҲЛИ ОИЛААТ ОН ҚАДАР ҲАМ БАД НЕСТ, ОХИР ОНҲО ДАР НОСИРА ЯГОНА КАСОНЕ ҲАСТАНД, КИ ОДАМОН БА ОНҲО БАРОИ КОРҲОИ ДУРЕДГАРӢ МУРОҶИАТ КАРДА МЕТАВОНАНД.
ИЛОВА БА ИН, ДАР НАЗДИ ОИЛАҲОЯМОН ЗИСТА, МАН ХУДРО ДАР БЕХАТАРИИ БЕШТАР ҲИС МЕКАРДАМ...
ИН САДОИ ЧИСТ?
АСПҲО. АСПҲОИ БИСЁР. БА КОРВОН МОНАНД АСТ.
ИСО ДАР БЕРУН АСТ-КУ...
ИСО!
ИСО!




ИН КӮДАК.
МО СИТОРАЕРО МУШОҲИДА МЕКАРДЕМ, КИ МОРО БА ИН ҶО ОВАРД.
МО МЕДОНИСТЕМ, КИ ИН МАЪНОИ ТАВАЛЛУД ШУДАНИ КӮДАКИ ХЕЛЕ АҲАМИЯТНОКРО ДОРАД.
ИН ҲАМОН КӮДАК АСТ, ҲАМИН ТАВР НЕ?
НОМИ Ӯ ИСО АСТ.
МО ОН ЧИРО, КИ МЕҶУСТЕМ, ЁФТЕМ!
ҶАЛОЛ БА ПОДШОҲИ НАВЗОД!
ҶАЛОЛ БА МАСЕҲ!
ҶАЛОЛ БА МАСЕҲ!


БАРОИ МАНЗИЛИ ХОКСОРОНААМОН БАХШИШ МЕПУРСЕМ.
ХОКСОРОНА? БАРЪАКС! ҲАР ХОНАЕ КИ БА ПОДШОҲИ ИЛОҲӢ САРПАНОҲ МЕДИҲАД, ХОКСОРОНА НЕСТ!
МО МЕДОНЕМ, КИ ПИСАРИ ШУМО КИСТ.
МО МЕФАҲМЕМ, КИ Ӯ ЧӢ ГУНА АҲАМИЯТНОК АСТ.
ҲАНГОМЕ КИ МО СИТОРАРО ДИДЕМ, САВОЛЕ ДОДЕМ, КИ ОН ЧӢ МАЪНО ДОРАД, ВА ДАСТХАТҲОРО ДАР ҶУСТУҶӮИ ПЕШГӮИҲО ОМӮХТЕМ, ТО ҶАВОБАШРО ПАЙДО НАМОЕМ!
«ҶАВОБ ДАР НАВИШТАҲОЕ ЁФТ ШУДАНД, КИ ЧАНДИН САДСОЛА ПЕШТАР САБТ ШУДААНД, ВА ЯКЕ АЗ ҲАМҚАВМОНИ ШУМО ДАР КИТОБХОНА МАҲФУЗ ДОШТААСТ».
«МО АЗ ПАЙИ СИТОРА РАВОНА ШУДЕМ, ВА, ЧУНОН КИ ИНТИЗОР БУДЕМ, ОН МОРО БА ЗАМИНИ ШУМО ОВАРД!»
«АММО ҲАНГОМЕ ОНРО АЗ НАЗАР ГУМ КАРДЕМ, БА УРШАЛИМ ОМАДЕМ, ЗЕРО ПОДШОҲИ НАВЗОДРО ДАР ОН ҶО ЁФТАНӢ БУДЕМ!»
«ПОДШОҲИ ШУМО БА МО ОН ҚАДАР ЁРӢ ДОДА НАТАВОНИСТ, АММО БАЪЗЕ МУШОВИРОНИ Ӯ ДИГАР ПАЙҒАМБАРИҲОРО ЁФТАНД, КИ БА БАЙТ-ЛАҲМ» ИШОРА МЕКАРДАНД.
«ПОДШОҲ ҲИРОДУС МОРО РАВОН КАРДА, ЧУНИН ГУФТ».
РАВЕД! ОН КӮДАКРО ЁФТА, ӮРО ИЗЗАТ НАМОЕД ВА БА Ӯ ТАЪЗИМ КУНЕД! АММО ФАРОМӮШ НАКУНЕД, КИ НАЗДИ МАН БАРГАШТА, ДАР КУҶО БУДАНИ ӮРО ГӮЕД, ТО КИ МАН НИЗ БА Ӯ ТАЪЗИМ КАРДА ТАВОНАМ!
«ИН ВАҚТ СИТОРА БОЗ НАМОЁН ШУД, ВА МО АЗ ПАЙИ ОН РАФТАНРО ДАВОМ ДОДЕМ, ВА ОН МОРО БА ИН ҶО ОВАРД!»
«АЛБАТТА, ЁФТАНИ ШУМО МУШКИЛӢ НАДОШТ. АЗ АФТАШ, ҲАНГОМИ ТАВАЛЛУД ШУДАНИ Ӯ ДАР ИН ШАҲРАКИ ХУРД ШӮРУ ИЗТИРОБИ ЗИЁДЕ БУД!»
«БО НАЗАРДОШТИ СИТОРА ВА ОДАМОНИ МАҲАЛЛӢ ВА НАҚЛҲОИ ОНҲО ДАР БОРАИ ФАРИШТАҲО, ҲАТТО БЕ ЗИКРИ ПАЙҒАМБАРОНИ ШУМО, МО ДАРК МЕКАРДЕМ, КИ НА ТАНҲО ПОДШОҲИ НАВЗОДРО, БАЛКИ ШАХСИ ХЕЛЕ МАХСУСТАР ВА КОМИЛТАРРО МЕҶӮЕМ».

МАТТО 2:1-10


ИН КӮДАКИ НАВЗОД НА ТАНҲО ПОДШОҲ АСТ.
МАН АЗ ОН ТӮҲФАҲОЕ КИ БАРОИ Ӯ ОВАРДАЕМ, ДАР ХИҶОЛАТ ҲАСТАМ!
ТӮҲФАҲОИ МО БА ЧУНИН ШАРАФ САЗОВОР НЕСТАНД!
ТИЛЛО! ХОЛИС ВА ОЛИДАРАҶА – ТӮҲФАИ САЗОВОРИ ПОДШОҲ!
ЛОДАН! БӮИ ХУШИ ОН САЗОВОРИ ХУДОЁН АСТ!
МУР! МОДДАЕ КИ ДАР АТРИЁТИ ХУШБӮЙТАРИН ИСТИФОДА МЕШАВАД!
МУНАҶҶИМОН ДАР БАЙТ-ЛАҲМ МУДДАТИ КӮТОҲ БУДАНД, АММО ОН МУДДАТ ПУР АЗ ВОҚЕАҲО БУД.
НОГОҲ, ЯК САҲАРӢ, ОНҲО АШЁҲОЯШОНРО ҶАМЪ КАРДА РАФТАНД.
МО БОЯД ҲАТМАН РАВЕМ, АГАРЧИ БА ПОДШОҲАТОН ҲИРОДУС ВАЪДА ДОДЕМ ГӮЕМ, КИ ПИСАРИ ШУМОРО ДАР КУҶО ЁФТАН МУМКИН АСТ...
ШАБИ ГУЗАШТА БА МО ФАРИШТАЕ ЗОҲИР ШУДА, ГУФТ, КИ ИН САРЗАМИНРО БО РОҲИ ДИГАР ТАРК КУНЕМ ВА АЗ ПОДШОҲ ҲИРОДУС БАРКАНОР БОШЕМ.
МО МУДДАТИ ЗИЁДЕРО ДАР ТАДҚИҚИ ОСМОНҲО ВА ҶУСТУҶӮИ АҲАМИЯТИ РӮҲОНӢ ГУЗАРОНДЕМ!
ВА ДАР ИН ҶО МО ОНРО ЁФТЕМ!
МО ТАДҚИҚИ НАВИШТАҲОИ ХАЛҚИ ШУМОРО ДАВОМ МЕДИҲЕМ...
ВА МУШОҲИДА МЕКУНЕМ, КИ КӮДАКИ ШУМО ЧӢ КОРҲО ХОҲАД КАРД!
БОЗ ЯК ФАРИШТА.
МАН ҲАТТО НАМЕДОНАМ, КИ ЧӢ ЧИЗ БЕШТАР ҲАЙРАТОВАР АСТ – МИҚДОРИ ФАРИШТАҲОЕ КИ ТАМОМИ ИН МУДДАТ БА ҲАЁТИ ИСО ҶАЛБ ШУДА БУДАНД... Ё ОН ФАКТ, КИ ИН МАРО АЛЛАКАЙ ҲАЙРОН НАМЕКУНАД!


ОНҲО ДАР КУҶОЯНД!?
ОНҲО ДАР КУҶОЯНД!?
ХОҶААМ, ОНҲО ЧАНДЕ ПАС АЗ ОН КИ БА БАЙТ-ЛАҲМ РАСИДАНД, ОН ҶОЙРО ТАРК КАРДАНД.
ЧУНОН КИ БА МО МАЪЛУМ ШУД, АЗ РАФТАНИ ОНҲО МУДДАТИ ЗИЁД ГУЗАШТААСТ, ТО КИ БА ИН ҶО РАСИДА БИЁЯНД, АММО ОНҲО ҲАНӮЗ...
ОНҲО ҲАНӮЗ ДАР ИН ҶО НЕСТАНД!!!
ДАР ИН ҶО НЕСТАНД!!!
ОНҲО ДАР ИН ҶО НЕСТАНД!!!
АГАР ОВОЗАЕ ПАҲН ШАВАД, КИ ИН ХИРАДМАНДОН – ИН «ПОДШОҲКУНАНДАГОН» – БА КӮДАК ТАЪЗИМ КАРДААНД...


...АГАР ҚАЙСАР ДАР ИН БОРА ФАҲМАД, ИН МАЪНОИ ШИКАСТИ ПУРРАРО ДОШТА МЕТАВОНАД!
ПАДАР, ТУ БОЯД БА ҲЕҶ ЧИЗ ИМКОН НАДИҲӢ, КИ БА ТАХТИ ТУ ТАҲДИД КУНАД!
МАН ИМКОН ҲАМ НАМЕДИҲАМ!
АГАР ИН АБЛАҲОН НАЗДИ МАН БАРГАШТАНӢ НАБОШАНД, ТО БА МАН ХАБАР ДИҲАНД, КИ КАДОМ КӮДАКРО БОЯД НОБУД КУНАМ...
ЛОЗИМ МЕОЯД, КИ ҲАМАИ ОНҲОРО НОБУД КУНЕМ.
АЗ РӮИ ОН ЧИ ОНҲО БА МО ГУФТАНД, ВА МУВОФИҚИ ВАҚТЕ КИ ДАР ПЕШГӮИҲО МУҚАРРАР ШУДААСТ, АГАР БОВАРӢ ДОШТАН ХОҲЕМ, КИ ИН ХАТАР БАРТАРАФ ШУДААСТ, МО БОЯД ДАР БАЙТ-ЛАҲМ ҲАМАИ ПИСАРАКОНИ ТО ДУСОЛАРО КУШЕМ!
ХОҶААМ, ОЁ КОФТА ЁФТАНИ Ӯ БЕҲТАР НЕСТ!
АЗ МАРДУМИ МАҲАЛЛӢ ПУРСЕМ, КИ МУНАҶҶИМОН БА НАЗДИ КӢ ОМАДА БУДАНД, ШОЯД...
АБЛАҲ!!!
ФАРМОНИ ПАДАРАМРО ИҶРО КУНЕД!
ИН ТАХТ БА ПАДАРИ МАН ТААЛЛУҚ ДОРАД, БА ҲЕҶ КАС – НА «ПОДШОҲКУНАНДАГОН», НА «ПОДШОҲИ НАВЗОД» – ҲЕҶ КАС ОНРО КАШИДА НАМЕГИРАД!
РАВЕД! САРБОЗОНИ БА ПАДАРАМ ВАФОДОРРО ГИРИФТА, ФАРМОН ДИҲЕД!


БАЙТ-ЛАҲМ.
ЮСУФ, БЕДОР ШАВ!
ШИТОБ КУН, ЗАНУ ФАРЗАНДАТРО ГИРИФТА, АЗ ИН ҶО РАВ!
ШУМО БОЯД БА МИСР РАВЕД ВА ДАР ОН ҶО МОНЕД – ТО ВАҚТЕ КИ МАН БА ШУМО ФАРМОЯМ, КИ БАРГАРДЕД.
ЧӢ?
ПОДШОҲ ҲИРОДУС ИН КӮДАКРО КУШТАН МЕХОҲАД. ШУМО БОЯД РАВЕД.
АММО...
МАН ЧӢ ТАВР...
МАРЯМ?
ЧӢ ГАП ШУД, ЮСУФ?
БАРХЕЗ. ЗУДТАР.
ФАРИШТА ҲОЗИР БА МАН ГУФТ, КИ ПОДШОҲ ҲИРОДУС ИСОРО КУШТАН МЕХОҲАД.
МО БОЯД ИН МАҲАЛРО ТАРК КУНЕМ. ХУДИ ҲОЗИР.


ҲАМИН ТАРИҚ, МАРЯМ, ЮСУФ ВА ИСО БА ФАРМУДАИ ФАРИШТА ИТОАТ НАМУДАНД...
ХОҲИШ МЕКУНАМ, ХОҶААМ, БА МО ТАНҲО САРПАНОҲ ДАРКОР АСТ, ТО ШАБРО ГУЗАРОНЕМ.
МАН ҲУҶРАЧАИ ХОЛӢ ДОРАМ. АММО БАРОИ ОН КИ ДАР ИН БЕВАҚТӢ ОНРО БАРОЯТОН ТАЙЁР КУНАМ...
МО БА ШУМО ИН ТАНГАИ ТИЛЛОРО МЕДИҲЕМ.
ПАС МАСЪАЛА ҲАЛ ШУД!
...ҲАНГОМЕ КИ ОДАМОНИ ҲИРОДУС ФАРМОНИ ДАҲШАТНОКИ ӮРО ИҶРО МЕКАРДАНД.
ДАР МИСР, ВА ШАРОФАТИ ЛАЁҚАТҲОИ ДУРЕДГАРӢ ВА ПУЛИ АЗ ТӮҲФАҲОИ МУНАҶҶИМОН БА ДАСТ ОМАДА, ЮСУФ БОЗ РӮЗҒОРИ ОИЛААШРО ОБОД КАРДА ТАВОНИСТ.


ҚАСРИ ПОДШОҲ ҲИРОДУС.
ЧАНДЕ ПАС АЗ ИН.
...ҲАМИН ТАРИҚ, ҚАЙСАРИ БУЗУРГ, МАН... ҲМ.. БА ТУ ТАВСИЯ МЕДИҲАМ, КИ ЗАМИНИ ЯҲУДОРО ЧУНОН КИ МАН МУҚАРРАР НАМУДАМ, ТАҚСИМ КУНӢ.
«...ЧУНОН КИ МАН МУҚАРРАР НАМУДАМ».
ПАДАР!
ИН ЧӢ ХИЁНАТ АСТ?
ТУ БА НАҚША ГИРИФТАӢ, КИ МАН ЗАМИНИ ТУРО БО ФИЛИППУС ВА АРКИЛОУС ТАҚСИМ МЕКУНАМ?
БАЧАИ БЕФАҲМ!
МАН... ҲМ... МАН МЕДОНАМ, КИ ЧӢ ЧИЗ БАРОИ ТУ ВА МУЛКИ МАН БЕҲТАР АСТ!
ПАДАР, ТУ МИСЛИ МАН ХУБ МЕДОНӢ, КИ ИН БАРОИ МАН ВА ИН МУЛК ТАМОМАН РОҲИ ҲАЛЛИ БЕҲТАРИН НЕСТ.
ОҲ, ИН ЧӢ БӮИ БАД АСТ? ТАМОМИ ИН ҲУҶРА БӮИ ЧИЗИ ПӮСИДА ДОРАД!
БА ХУД НИГОҲ КУН, ЭЙ ПОДШОҲИ БУЗУРГ ҲИРОДУС, ПОДШОҲИ ЯҲУДО!
ПАДАР, ТУ ҲАР РӮЗРО БАРОИ ҲИФЗИ МАҚОМИ ХУД ДАР ИН ПОДШОҲӢ САРФ МЕКАРДӢ!
ТУ БО КӮШИШИ НИГОҲ ДОШТАНИ ТАХТИ ХУД ЗАНАТРО, ВА ҲАТТО БАЪЗЕ АЗ ПИСАРОНАТРО КУШТӢ!
АММО БА ХУДАТ НИГОҲ КУН, ПАДАР!
ТУ АЗ ӮҲДАИ ИН НАБАРОМАДӢ!
ДАР ҲАР СУРАТ, ИН ПОДШОҲӢ АКНУН БА ТУ ТААЛЛУҚ НАДОРАД!
ТУ, ФАВРАН БАРГАРД!
МАСЪАЛАРО ЧУН МАРДҲО ҲАЛ МЕКУНЕМ!
ТУ АҲМАҚ ҲАСТӢ, АҲМАҚ... АААҲҲҲ...


ПАС АЗ МАРГИ ПОДШОҲ ҲИРОДУС, ҚАЙСАР ПОДШОҲИИ ӮРО БАЙНИ СЕ ПИСАРАШ ТАҚСИМ КАРД, ЧУНОН КИ Ӯ МЕХОСТ.
ҶАСАДИ ҲИРОДУС ДАР ЯКЕ АЗ ҚАСРҲОИ АЗИМ ВА ЗЕБОИ Ӯ ДАФН КАРДА ШУД.
ВА ЧАНДЕ ПАС АЗ МАРГИ Ӯ...
ЮСУФ, НАТАРС.
БАРХЕЗ. ТУ МЕТАВОНӢ КӮДАК ВА МОДАРАШРО ГИРИФТА, БА ИСРОИЛ БАРГАРДӢ.
КАСОНЕ КИ ҚАСДИ ҶОНИ КӮДАК ДОШТАНД, АКНУН ДАР ҚАЙДИ ҲАЁТ НЕСТАНД. ШУМО МЕТАВОНЕД БЕ ТАРСУ ҲАРОС БАРГАРДЕД.
ЮСУФ ИН ДАФЪА НИЗ ФАРМУДАИ ФАРИШТАРО БА ҶО ОВАРД.
МО АЗ ХОНА ДАР КАДОМ МАСОФА ҲАСТЕМ?
ТИЛЛОИ МО ҚАРИБ БА ОХИР РАСИДААСТ.
ҲАМАГӢ ЯКЧАНД ШАБИ ДИГАР.
ВА НИҲОЯТ, ОНҲО БА ХОНА, БА НОСИРА БАРГАШТАНД.


МАТТО 2:19-21


ҲАНГОМЕ КИ ИСО ДУВОЗДАҲСОЛА ШУД, ВОЛИДОНАШ ВА Ӯ, АЗ РӮИ АНЪАНА, БА УРШАЛИМ БА ИДИ ПЕСАҲ РАВОНА ШУДАНД.
ҲАНГОМИ БОЗГАШТАН БА НОСИРА ПАС АЗ ИДИ ПЕСАҲ, МАРЯМ ВА ЮСУФ АЗ ҲАМ ҶУДО РОҲ МЕРАФТАНД – МАРДОН ДАР АҚИБИ ГУРӮҲ РОҲ МЕРАФТАНД, ВА ЗАНОНУ КӮДАКОН ПЕШОПЕШ МЕРАФТАНД.
БАРОЯТ БАРОҲАТ АСТ?
МАРЯМ, МАН РӮЗИ ДАРОЗ ХАРСАВОР БУДАМ!
ТУ ЧӢ ФИКР ДОРӢ?
ИҶОЗАТ ДЕҲ БА ТУ ЁРӢ РАСОНАМ. ТУ МЕТАВОНӢ АНДАКЕ ҚАДАМ ЗАНӢ.
МАН ҲИССИЁТИ ТУРО МЕФАҲМАМ. МАН ПЕШТАР ҲАМИН ТАВР САФАР МЕКАРДАМ.
ТУ? ТУ МАРО ОН ВАҚТ МЕФАҲМӢ, КИ УСТУХОНҲОИ ХАСТАШУДААТ МОНАНДИ УСТУХОНҲОИ МАН ПИР МЕШАВАНД.
ОН ВАҚТ МАН ҲОМИЛА БУДАМ.
ЧУНОН КИ МЕБИНӢ, ПАС АЗ ОН ЧИ БО ЗАКАРЁ РӮЙ ДОД, МАН НА ОН ҚАДАР ОМӮХТААМ, КИ КАЙ БОЯД ХОМӮШ БОШАМ!
ТАШАККУР, КИ МАРО ҲАМРОҲӢ МЕКУНӢ.
ИН СОЛИ АВВАЛ АСТ, КИ, КИ ЯҲЁИ МАН ДАР БАЙНИ МАРДОН ГАШТА МЕТАВОНАД, ВА Ӯ ҚАРОР ДОД, КИ ИН ИМКОНИЯТРО АЗ ДАСТ НАДИҲАД.
АКНУН ЛОЗИМ МЕОЯД ДАР ТАНҲОӢ САФАР КУНАМ, ПАС АЗ ОН КИ Ӯ ДУВОЗДАҲ СОЛИ ОХИР БО МАН БУД.



БА ФИКРАТ, Ӯ АЗ ПАЙИ ПАДАРАШ МЕРАВАД ВА КОҲИН МЕШАВАД?
ОЁ Ӯ ПАЙРАВИ ПАДАРАШ МЕШАВАД?
ҲА.
ҲАМЧУН КОҲИН?
НЕ.
Ӯ ХЕЛЕ ХУБ МЕОМӮЗАД, ХЕЛЕ БЕҲТАР АЗ ДИГАР БАЧАҲО.
АММО... Ӯ БАРОИ ИН НА ОН ҚАДАР МУВОФИҚ АСТ.
Ӯ ХЕЛЕ СОҲИБИХТИЁР АСТ.
ТАНҲО ТУ ИНРО ФАҲМИДА МЕТАВОНӢ.
БАРОИ Ӯ ТАҚДИРИ ТАМОМАН ДИГАР МУҚАРРАР ШУДААСТ.
БИНОБАР ИН, ҲА, Ӯ ЧУН ПАДАРАШ ХАЛҚРО СӮИ ХУДОВАНД РАВОНА ХОҲАД КАРД.
АММО ИН НА ДАР МАЪБАД ХОҲАД БУД.
МАН МЕФАҲМАМ, КИ ТУ ЧИРО ДАР НАЗАР ДОРӢ.
ВА МАН АЗ ОН ЧИ ТУ ДАР НАЗАР ДОРӢ, МЕТАРСАМ.
ФАРИШТАҲО ДАР БОРАИ ТАВАЛЛУДИ ПИСАРАМ ХАБАР ДОДАНД, ВА ҲАНГОМЕ ҲИРОДУС ҚАСДИ ҶОНИ ПИСАРИ МАРО ДОШТ, ОГОҲ НАМУДАНД, КИ БА МИСР ГУРЕЗЕМ!
ПАЙҒАМБАР ДАР УРШАЛИМ ДАР БОРАИ КОРҲОИ МӮЪҶИЗАОСОЕ ПЕШГӮЙ КАРД, КИ ИСО ХОҲАД КАРД, АММО БАЪД Ӯ ПЕШГӮЙ КАРД, КИ ШАМШЕРЕ БА ҶОНИ МАН ФУРӮ ХОҲАД РАФТ!
МАН ПИСАРАМРО АЗ ДАСТ ДОДАН НАМЕХОҲАМ!
МАРЯМ, МАРЯМ...


БА ФИКРАМ, ИСО ВА ЯҲЁ НА ТАНҲО ПИСАРОМИ МО МЕБОШАНД, ОНҲО ХЕЛЕ БЕШТАР АЗ ИН ҲАСТАНД!
...ВА ОНҲО БАРОИ ОДАМОНИ БИСЁР АҲАМИЯТИ ХЕЛЕ БЕШТАР ХОҲАНД ДОШТ!
ШОЯД ЧУНИН БОШАД, АММО Ӯ ПИСАРИ МАН АСТ, ВА МАН – МОДАРИ Ӯ, ВА...
МОДАР?
ЧӢ, АЗИЗАМ?
МОДАР, ТУ ИСОРО НАДИДАЙ?
ҲАНГОМЕ КИ МО БА УРШАЛИМ МЕРАФТЕМ, Ӯ БО МАН БОЗӢ МЕКАРД, ВА МАН УМЕВОР БУДАМ, КИ ДАР РОҲИ БОЗГАШТ НИЗ БО МАН БОЗӢ МЕКУНАД!
АММО МАН ӮРО ЁФТАН НАМЕТАВОНАМ!
ВА МАН БА ТУ ҚАСАМ МЕХӮРАМ, КИ БАРЗАГОВ ТО ШИКАМАШ ДАР ЛОЙ БУД, АММО ҲАНГОМЕ КИ ҲОРУН БА ЛОЙ ҚАДАМ МОНД, ТО КИ БА ГАРДАНИ ҲАЙВОН БАНД АНДОХТА, ӮРО КАШОЛА КАРДА БАРОРАД...
...Ӯ ТО ГАРДАНАШ БА ЛОЙ ФУРӮ РАФТ!
**ЮСУФ!**
ОҲ-ОҲ, ЮСУФ!
ЗАНАТ ТУРО ҶЕҒ МЕЗАНАД!
ВА БЕҲТАРАШ МАН ЗУДТАР БА Ӯ ҶАВОБ ДИҲАМ! Ӯ БО ОҲАНГИ ТАШВИШАНГЕЗ ГАП МЕЗАНАД...


МАРЯМ, ЧӢ ГАП ШУДААСТ?
ИСО ДАР КУҶОСТ? ОЁ Ӯ БО ТУСТ?
ЧӢ? НЕ, ОХИР, Ӯ БО ТУ АСТ-КУ!
Ӯ БО ЗАНОНУ КӮДАКОН НАБУД, ВА АЗБАСКИ Ӯ БА ҚАДРИ КОФӢ КАЛОНСОЛ АСТ, ТО БО МАРДОН РАВАД, МАН ГУМОН КАРДАМ, КИ...
АЗ АМАКБАЧАҲОЯШ МЕПУРСЕМ, КИ ОЁ ОНҲО ӮРО НАДИДААНД!
МАН БО ДИГАР МОДАРОН, КИ ПЕШОПЕШИ ГУРӮҲ РАВОНААНД, ГАП ЗАДАМ, ВА ҲЕҶ КАДОМИ ОНҲО ӮРО ДАР ОН ҶО НАДИДААСТ.
БИНОБАР ИН Ӯ БОЯД БО БАЧАҲОИ КАЛОНСОЛТАР ДАР АҚИБИ ГУРӮҲ БОШАД.
Ё ҲАМИН ТАВР АСТ, Ё Ӯ...
«...ДАР УРШАЛИМ МОНДААСТ!»
МАН БОЯД АВВАЛ АЗ ТУ МЕПУРСИДАМ.
НЕ, МАРЯМ.
ИСО ҲЕҶ ГОҲ ПЕШТАР ЧУНИН КОРҲОРО НАМЕКАРД. МАГАР ТУ ЧУНИН ҲОЛАТРО ИНТИЗОР БУДА МЕТАВОНИСТӢ?


ҲАМИН ТАВР ОНҲО ДАР УРШАЛИМ КОФТУКОВРО САР КАРДАНД.
МАРЯМ ВА ЮСУФ! ЧАРО БАРГАШТА ОМАДЕД?
МАГАР НАБОЯД ДАР РОҲИ БА СӮИ НОСИРА БОШЕД?
ДАР ИН ҶО ЧИЗЕРО ФАРОМӮШ КАРДАЕД?
НЕ... ЯЪНЕ, ҲА...
ИСОРО. Ӯ ДАР РОҲ ҲАМРОҲИ МО НАБУД.
ФАҲМО.
АММО Ӯ ДАР ИН ҶО НЕСТ. МАН АФСӮС МЕХӮРАМ.
ТАШАККУР.
МАН ФИКР МЕКУНАМ, КИ ШОЯД МО ДАР РОҲ АЗ ПЕШИ Ӯ ГУЗАШТА БОШЕМ.
ШОЯД Ӯ ЗАХМДОР ШУДА, ДАР САРИ РОҲ НИШАСТААСТ, АММО МО ӮРО ДАР ШАҲР МЕҶӮЕМ?
МАРЯМ, ИН ТАВР ФИКР НАКУН. ФАҚАТ ҶУСТУҶӮРО ДАВОМ ДЕҲ.
ВА ДУО ГӮЙ.
МОРО БУБАХШЕД, МО ПУРСИДАН МЕХОҲЕМ, КИ ОЁ ШУМО ПИСАРИ МАРО НАДИДАЕД.
Ӯ ДУВОЗДАҲСОЛА АСТ, ВА Ӯ БА ТАНҲОЙ САЙРУ ГАШТ КАРДА МЕТАВОНАД. ҚАДУ БАСТИ Ӯ МИЁНА АСТ, МӮЙҲОЯШ ТОРИК.
ДУХТАРҶОН, ШУМО ҲОЗИР НИСФИ БАЧАҲОИ ШАҲРРО ТАСВИР НАМУДЕД!
МО ФИКР КАРДЕМ, КИ АГАР ШУМО РӮЗИ ДАРОЗРО ДАР ЯК ҶОЙ ГУЗАРОНДА БОШЕД, ӮРО ДИДА МЕТАВОНИСТЕД!
МАН ШУМОРО МЕФАҲМАМ – ХУДАМ ҲАШТ ФАРЗАНД ДОРАМ – АММО МАН ҲАҚИҚАТАН БА ШУМО ЁРӢ ДОДА НАМЕТАВОНАМ!
БЕФОИДА! ШАҲР БЕҲАД КАЛОН АСТ!
МО ӮРО ДАР ҲАМА ҶОЙҲОЕ, КИ РАФТА МЕТАВОНИСТ, ҶУСТУҶӮ КАРДЕМ!
САБР КУН, НА ДАР ҲАМА ҶО!
ЛУҚО 2:45-46


... ҶАВОНПИСАР, ТУ БА ҶИҲАТИ ХЕЛЕ ШАВҚОВАРИ МАСЪАЛА ДАХЛ МЕКУНӢ, КИ МАН ДАР БОРАИ ОН ҲЕҶ ГОҲ ФИКР НАКАРДА БУДАМ!
АММО ТУ АҲАМИЯТНОКИИ ШАРИАТРО РАД КАРДАН НАМЕКТАВОНӢ-КУ!
ФАРОМӮШ НАКУН, КИ ШАРИАТРО БА МО ПАРВАРДИГОР БЕҲУДА НАДОДААСТ!
ҲА, АММО ИН НА ТАНҲО МАҶМӮАИ ҚОИДАҲО МЕБОШАД, КИ МО БОЯД РИОЯ НАМОЕМ.
БА ФИКРАМ, САВОЛИ «МО ШАРИАТРО ЧӢ ТАВР РИОЯ МЕКУНЕМ?» ОН ҚАДАР МУҲИМ НЕСТ...
...ОН ЧИЗ МУҲИМТАР АСТ, КИ ДАР ХУСУСИ ИН САВОЛ АНДЕША НАМОЕМ: «БА ДИҲАНДАИ ШАРИАТ ЧӢ ГУНА ПАЙРАВӢ МЕКУНЕМ?»
ОҲО! ХУБ ГУФТӢ, ПИСАРАК!
ҲАҚИҚАТАН ХУБ ГУФТА ШУД!
ИСО!


ПИСАРАМ, ЧАРО ТУ БО МО ЧУНИН РАФТОР НАМУДӢ?
МАН АЗ ҒАМУ АНДӮҲ ЧӢ КОР КАРДАНАМРО НАМЕДОНИСТАМ!
МО ТУРО ДАР ҲАМА ҶО ҶУСТУҶӮ КАРДЕМ!
МАН ФИКР КАРДАМ, КИ ШОЯД ТУ ЗАХМДОР ШУДАӢ... Ё ҲАТТО АЗ ИН ҲАМ БАДТАР!
МАН БА ФИКРЕ ТОБ ОВАРДА НАМЕТАВОНИСТАМ, КИ ТУРО АЗ ДАСТ ДОДА МЕТАВОНАМ!
КУ БА МОДАРАТ ҶАВОБ ДЕҲ.
ТУ ҒАЙБ ЗАДА, МОДАРАТ ВА МАРО МАҶБУР КАРДӢ , КИ ДАР ТАМОМИ ШАҲР ТУРО ҶУСТУҶӮ КУНЕМ. ТУ БАРОИ САФЕД КАРДАНИ ХУД ЧӢ ГУФТА МЕТАВОНӢ?
ЧАРО ШУМО МАРО МЕҶУСТЕД?
МАГАР НАМЕДОНИСТЕД, КИ МАН ДАР ИН ҶО ДАР ХОНАИ ПАДАРАМ ХОҲАМ БУД?


БИЁ МЕРАВЕМ, ПИСАРАМ.
ВАҚТИ РАФТАН ШУД.
ТАШАККУР БАРОИ СӮҲБАТ, ҶАВОНПИСАР!
ИН ХЕЛЕ ИБРАТОМӮЗ БУД! АҚЛИ МАН КАЙҲО ИНҶОНИБ ИН ТАВР БО ҶИДДУ ҶАҲД КОР НАКАРДА БУД!
АММО, ЧУНОН КИ ДАР ШАРИАТИ МУСО ГУФТА ШУДААСТ, «ПАДАРУ МОДАРАТРО ИЗЗАТ НАМО»!
ПИСАРАК ЛАЁҚАТҲОИ БАРҶАСТА ДОРАД!
МАН ИНРО МЕДОНАМ!
АЗ АФТАШ, Ӯ ЧИЗҲОЕРО ФАҲМИДА МЕТАВОНАД, КИ МАНУ ҲАМКОРОНАМ БО ДУШВОРӢ ФАҲМИДА МЕТАВОНЕМ!
ӮРО ДАСТОВАРДҲОИ БУЗУРГ ИНТИЗОРАНД!
ШУМО ҲАТТО ТАСАВВУР НАМЕКУНЕД!



ЛУҚО 2:47-48


ВА ИСО ПЕШРАФТ МЕКАРД.
ДАР ХИРАД ПЕШРАФТ МЕКАРД.
ДАР СИННУ СОЛ ПЕШРАФТ МЕКАРД.
ЛУҚО 2:52


ДАР МУҲАББАТ НАЗДИ ХУДО ПЕШРАФТ МЕКАРД.
ВА ДАР МУҲАББАТ ДАР НАЗДИ ОДАМОН ПЕШРАФТ МЕКАРД.
ВА МАРЯМ ИНРО ДАР ДИЛИ ХУД НИГОҲ МЕДОШТ.



ЛУҚО 2:51-52

"THE BIBLE EXPLAINED IN EVERY LANGUAGE."








**SUPERBIBLE.TV**